WORLD BANK GROUP

**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

---

# Гузариши сабз шарти асосии эҳёи иқтисодиёти Тоҷикистон ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад

**ДУШАНБЕ, 7 ноябри соли 2024** – Тавре Гуруҳи бонки ҷаҳонӣ (ГБҶ) дар **Ҳисоботи кишвар оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим ва рушди Тоҷикистон** (ҲКТИР), ки имрӯз интишор гардид, қайд мекунад чорабиниҳо дар соҳаи обу иқлим ба Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки ба иқтисодиёти кишвар нерӯи тоза бахшида шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд. Дар баробари ин, аҳолии кишвар аз хавфҳои афзоишёбандаи ҳодисаҳои ғайриоддии боду ҳаво, ки тағйирёбии иқлим боиси ба вуҷуд омадани онҳо мегардад, муҳофизат мешавад.

Гарчанде ки Ҳукумати Тоҷикистон барномаи ислоҳоти иқтисодиёти кишварро дар асоси гузариш ба технологияҳои “сабз” таҳия намудааст, дар ҳисобот гуфта мешавад, ки барои таъмини пайроҳаи устувори рушду тараққиёт он метавонад бештар пеш равад. Барои ба даст овардани манфиатҳои назарраси иқтисодӣ барои кишвар ва минтақа дар маҷмӯъ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳишдиҳии партовҳои гази карбон дар шабакаҳои электроэнергетикии Осиёи Марказӣ барномаи иловагии ислоҳот зарур аст.

*“Тоҷикистон ба роҳандозии нави иқтисодӣ сахт эҳтиёҷ дорад, ки он дар ҳалли чолишҳои зиёди алоқаманд бо рушди кишвар, инчунин таъсири назаррас ва афзояндаи тағйирёбии иқлим, ки ба пешрафти оянда таҳдид мекунанд, кӯмак хоҳад намуд,”* қайд кард **Озан Севимли, намояндаи доимии Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон**. *“ҲКТИР пайроҳаи амалиро барои суръатбахшии гузариш ба иқтисоди сабз ва ҳавасмандгардонии дурнамои рушди дарозмуддат таъмин мекунад.”*

Ҷалб намудани маблағгузории бахши хусусӣ илова бар захираҳои маҳдуди давлатӣ барои муваффақияти гузариши “сабз” ва таъмини амнияти захираҳои об, озуқаворӣ ва энергетикӣ, рушди иқтисоди дорои сатҳи пасти гази карбон аҳамияти калидӣ хоҳад дошт, ки он метавонад бо истифодаи стратегияҳои муассири мубориза бо тағйирёбии иқлим ба болоравии сатҳи содирот, таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ ва ҳифзи қишри осебпазири аҳолӣ мусоидат намояд.

“*Ҳарчанд ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз мебошад ва новобаста аз он, ки дар ин радабандӣ кишвари мо дар ҷойи 130-ум қарор дорад, Тоҷикистон яке аз кишварҳои осебпазиртарин ба омилҳои тағйирёбии иқлим ба ҳисоб меравад. Гузориши кишвар оид ба иқлим ва рушд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳоро барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои пешбурди технологияҳои инноватсионӣ ва эҷоди ҷойҳои кории “сабз” дар баробари коҳиш додани сатҳи осебпазирӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлимӣ пешкаш менамояд,*” қайд кард **Баҳодур Шерализода, Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

Арзиши наҷустани чораҳо гарон аст. Кишвар аллакай бо хавфи баланди обхезиҳо, заминларзаҳо ва ярчҳо рӯ ба рӯ мешавад. Зарари алоқаманд бо тағйирёбии иқлим ба инфрасохтор, маҳсулнокии чорво ва соҳаи кишоварзӣ метавонад то соли 2050 маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеиро ба 5-6% коҳиш диҳад. Паёмадҳои алоқаманд бо тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи аз лиҳози стратегӣ муҳимми рӯдхонаи Вахш, ки 90% нерӯи барқи кишвар дар он истеҳсол мешавад, мушкилиҳои тағйирёбии иқлим ва рушди Тоҷикистонро таҷассум мекунад. Хароҷоти миёнаи солона барои бартарафсозии таназзули замин дар Тоҷикистон тақрибан 325 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки афзоиши онҳо пешбинӣ мешавад. Ғайр аз ин, дар кишвар ифлосшавии ҳаво ба таври васеъ паҳн

шудааст, ки он боиси фавти 84 нафар ба ҳар 100 000 нафар аҳолӣ мегардад ва дар Осиёи Марказӣ дуюмин нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин ба ҳисоб меравад.

Саъю кӯшиш ба рушди экологӣ ва устувор ба татбиқи маҷмӯи васеи ислоҳоти сохторӣ вобастагӣ дорад, ки барои рушди умумии иқтисодӣ замина мегузорад. Бахусус, Тоҷикистон бояд ба кушодани иқтисодиёти худ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби такмили идоракунӣ дар корхонаҳои давлатӣ, таваҷҷуҳ намояд. Ғайр аз ин, тақвияти низоми маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои рушди сармояи инсонӣ ва таъмини қувваи корӣ бо малакаҳои зарурӣ ҳаётан муҳим аст.

Гузариш ба технологияҳои сабз манфиатҳои назаррасро ба бор меорад. Камшавии хароҷоти соҳаи тандурустӣ дар натиҷаи коҳишёбии сатҳи ифлосшавии ҳаво, садамаҳои нақлиётӣ ва вайроншавии роҳҳо то соли 2050 аз рӯи ҳисобҳо беш аз 3,5 миллиард долларро ташкил медиҳад. Сармоягузорӣ ба манбаъҳои нерӯи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ ва геотермалӣ) ва самаранокии нерӯ метавонад имкониятҳои нави шуғлро фароҳам орад.

Тавсияҳои асосии ҳисобот аз инҳо иборатанд:

- **Таҳкими ниҳодҳо ва заминаи меъёрию ҳуқуқӣ** барои мутобиқшавӣ, устуворӣ ва коҳишдиҳии беҳтари паёмадҳо бо мақсади баланд бардоштани тавонмандии ниҳодҳои калидӣ ва муҳити соҳибкорӣ ҷиҳати банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим бо таъмини имтиёзҳои нархӣ барои ҷалб намудани маблағгузории фаъолияти аз лиҳози иқлим муҳим.

- **Стратегияҳои одилона ва фарогир дар соҳаи иқлим**: Барои он ки мардум ва ҷамоаҳо дар маркази гузариш ба технологияҳои “сабз” қарор дошта бошанд, дар бозори меҳнат барномаҳое зарур анд, ки ба бозомӯзии касбии калонсолон ва таъмини шуғли онҳо дар бахшҳои “сабз” нигаронида шуда бошанд. Барои дастгирии бештар муассири хонаводаҳои осебпазире, ки аз таконҳои тағйирёбиии иқлим ва иқтисодӣ зарар дидаанд (масалан, ислоҳот дар нархгузорӣ барои партовҳои гази карбон ва таъмини субсидияҳо), таваҷҷуҳ ба таҳкими барномаҳои кӯмаки иҷтимоӣ низ зарур хоҳад буд.

- **Мутобиқшавӣ дар нуқтаи васли захираҳои об – энергия – озуқаворӣ**, ландшафтҳои устувор, қобилияти пайвастшавӣ ва коҳишдиҳии осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим. Ин модернсозии инфрасохтори обёриро барои сарфаи об ва баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ, модернсозии инфрасохтори ҳамлу нақл ва нигоҳдории об ҷиҳати беҳтар намудани обтаъминкунӣ ва инчунин барқарорсозии заминҳои таназзулёфта бо истифода аз роҳҳалҳои ба ҳифзи табиат нигаронидашуда, тақозо мекунад.

- **Суръат бахшидани тараққиёти дорои сатҳи пасти гази карбон** барои мусоидат ба рушди иқтисодӣ, амнияти энергетикӣ, содирот ва таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ дар баробари беҳтар кардани сифати ҳаво. Ин рушду инкишофи гидроэнергетика ва энергетикаи офтобии нав, гармидиҳии устувор ва нақлиёт, баланд бардоштани самаранокии нерӯ, ҷорӣ намудани технологияҳои дорои сатҳи пасти гази карбон ва таҷрибаҳои пешбурди кишоварзиро, ки ба иқлим зарар намерасонанд, пешбинӣ мекунад.

Барои амалисозии барномаи коҳишдиҳии паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо сармоягузориҳои назаррас лозим мешаванд. Аз рӯи ҳисобҳо, барои Тоҷикистон тақрибан 17 миллиард доллари ИМА илова бар сармоягузориҳо барои татбиқи барномаи азими ислоҳотии ҳукумат бо талаботи сармоягузорӣ дар ҳаҷми 79 миллиард доллари ИМА дар давоми солҳои 2025-2050 зарур хоҳад буд. Қисми назарраси сармоягузориҳоро, бахусус дар соҳаи энергетика, саноат ва кишоварзӣ, метавон аз бахши хусусӣ ба даст овард. Аммо, барои ҷалби сармояи хусусӣ шароитҳои танзими фаъолияти соҳибкорӣ бояд беҳтар гарданд, иқтисодиёт озод бошад ва шароитҳо барои ҳама бо мақсади таъмини рақобати бештар самаранок баробар карда шаванд.

Эҳтиёҷоти молиявӣ барои таъмини рушди таҳаввулофар аз иқтидори молиявии Тоҷикистон бамаротиб зиёд мебошанд. Барои пурра намудани талошҳои дохилӣ Тоҷикистон ба дастгирии назарраси техникӣ ва молиявӣ аз ҳисоби манбаъҳои беруна, аз ҷумла грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, хазинаҳои глобалии иқлим ва дигар шарикони рушд эҳтиёҷ дорад.

**Ҳисоботи кишвар оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим ва рушди Тоҷикистон**-ро аз ин ҷо боргирӣ намоед

**Ҳисоботҳои Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ дар кишвар оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим (ҲКТИР)** гузоришҳои калидии ташхисӣ мебошанд, ки дар онҳо алоқамандӣ байни тағйирёбии иқлим ва рушд мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Онҳо ба кишварҳо дар муайян намудани афзалиятҳои чораҳои аз ҳама муассир кӯмак мерасонанд, ки онҳо метавонанд ба гузариш ба технологияҳои дорои сатҳи пасти гази карбон ва баланд бардоштани устуворӣ ва инчунин ноилшавии ҳадафҳои васеътари рушд мусоидат намоянд. Дар асоси маълумотҳо ва тадқиқотҳои амиқ ҲКТИР роҳҳои асосии коҳишдиҳии партовҳои ГГ, паёмадҳои берунаи онҳо ва осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла хароҷот ва мушкилиҳо, инчунин манфиат ва имкониятҳои алоқаманд бо онро муайян мекунанд. Дар ҳисоботҳо чораҳои мушаххас, афзалиятнок оид ба дастгирии гузариш пешниҳод мегарданд. Азбаски ҲКТИР ҳуҷҷатҳои дастраси омма мебошанд, онҳо бо мақсади маълумотдиҳии ҳукуматҳо, шаҳрвандон, бахши хусусӣ, шарикони рушд ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, ки дар ҳалли масъалаҳои рушд ва иқлим иштирок мекунанд, хизмат мекунанд. Натиҷаҳои тадқиқотҳои ҲКТИР дар дигар тадқиқотҳои аоссии ташхисии Бонки ҷаҳонӣ, дар фаъолият бо кишварҳо ва дар амалиётҳо истифода бурда мешаванд ва инчунин дар ҷалби маблағгузорӣ ва равонасозии маблағ ба чорабиниҳои таъсирбахши мубориза бо тағйирёбии иқлим кӯмак мерасонанд.

**Тамос:**
*Дар Душанбе:* Дилафрӯз Зоирова, + 992 48 701 5820, dzoirova@worldbankgroup.org
*Дар Вашингтон:* Индира Чанд, +1 (703) 376-7491, ichand@worldbank.org
*Дар Тошканд*: Кимбат Ибишева, +998 93 5010875, kybyshova@ifc.org

Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон:
https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan
Саҳифаи мо дар Facebook: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan/

**Варақаи иттилоотӣ**
2025/ECA/037